«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба
номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори
илмҳои химиявӣ, профессор
_______________ Раҳмон Д.С.
«13» июни соли 2023

ХУЛОСАИ

ҷаласаи васеи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо Бозоров Хушвахт дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи доктории Бозоров Хушвахт дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» дар кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омода карда шудааст.

Бозоров Хушвахт 20.02.1955 дар деҳаи Чашмасори ноҳияи Муъминобод дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Соли 1976 Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб (ҳозира Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ)-ро бо ихтисоси муаллими синфҳои ибтидоӣ хатм намуда, соли 1976-1978 дар МТМУ –и №4 ш.Норак, 1979-985 муаллими синфҳои ибтидоии МТМУ-и №10 ноҳияи Кӯлоб, солҳои 1985-2007 мудири кабинети синфҳои ибтидоии Донишкадаи такмили ихтисоси муаллимони вилояти Кӯлоб (ҳозира Хатлон), солҳои 2007- 2014-муовини директор оид ба кори таълиму тарбия, солҳои 2015-2018 мудири кафедраи

методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии ФҶДТИБКСМ дар минтақаи Кӯлоб, солҳои 2018-2021 мудири кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии ДДК ва аз соли 2021то инҷониб дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо шуда, фаъолият намуда истодааст.

**Мушовири илмӣ:** Академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Файзулло Шарифзода.

Диссертатсия мубрам ва ба талаботи замон мувофиқ арзёбӣ гардидааст. Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд дорои сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, татбиқсозӣ, тағйирпазирӣ, ухдаборой, масъулиятшиносӣ ва созандагию эҷодкорӣ бошанд.

Дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, бахусус, дар дарсҳои забони модарӣ барои муваффақ шудан ба ин сифатҳо фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя нест. Вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дониш, маҳорат ва малакаи худро дар амал истифода карда тавонистан яке аз омилҳои ба замони муосир мутобиқгардонии хонандагон ба шумор меравад.

Пешрафти ҷомеаи муосир ба дастовардҳои сатҳи ҷаҳонии рушди бомароми соҳаи маориф пайванд буда, беҳтар ба роҳ мондани сифати таҳсилот ба инкишофи ҳамаҷонибаи соҳа вобаста мебошад.

Айни замон, беҳтар ба роҳ мондани сатҳу сифати таълим ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, барои таъмини пешрафти соҳаҳои илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ аз тамоми имконият истифода карда, ба рушди ин соҳа аҳамияти аввалиндараҷа дода истодааст. Яке аз тадбирҳои

басо муҳимми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим мебошад.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст), талаб менамояд, ки ба рушди малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ) диққати асосӣ дода шавад. Ҳангоми ба таълим муносибати босалоҳият намудан, аз саволҳои "Хонанда чӣ кор карда метавонад?", "Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?" истифода бурдан лозим аст. Дар муносибати босалоҳият ба таълим дониш ҷузъи таркибии малака маҳсуб ёфта, барои санҷидан, муқоиса кардан (бо намуна) ва ислоҳи ғалатҳо истифода мешавад. Ҳангоми иҷрои кори мустақилона диққати асосӣ ба ҷиҳати амалии азхудкунии дониш, малака ва маҳорат равона шуда, мақсад омода кардани хонандагон ба ҳаёти мустақилона мебошад. Яъне, раванди дарсҳои забони модарӣ ба рушди бомароми зеҳнию нутқӣ мусоидат карда, хонандагон барои аз худ намудани асосҳои дониш масъул мебошанд. Онҳо худро ҳамчун шахси арзанда ва аъзои коллективи синф ҳис кунанд.

Хонандагон бояд бо мақсади муайян ва бо шавқу рағбати зиёд хонанд, нависанд, дар иҷрои кори мустақилона ба ҷустуҷӯ, кунҷковӣ ва эҷодкорӣ рағбат пайдо кунанд. Барои мустақилона омӯхтан ҳавасманд гашта, дар фаъолиятҳои таълимӣ, (хондан, навиштан, ҷустуҷӯ, эҷодкорӣ ва амсоли инҳо) фаъол бошанд, аз варақаҳои машқу мисолҳо пайваста истифода баранд ва муносибати шахсии худро нисбат ба мазмуни он пешгӯйӣ карда тавонанд. Саволҳо таҳия намуда, дараҷаи фаҳмиши худро тавассути варақаҳои таҳлилӣ баланд бардоранд. Дар таҳлил ва муҳокимаи асари бадеӣ фаъолона иштирок намуда, андеша ва ақидаи худро ҳимоя намоянд.

Сабаби ҳамчун мавзуи таҳқиқотӣ интихоб гардидани масъалаҳои ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ин аст,

ки ҳоло дар раванди дарс омӯзгорон ба кори мустақилонаи хонандагон камтар диққат медиҳанд. Таҷриба ва мушоҳидаи фаъолияти ҳаррӯзаи омӯзгорон собит сохт, ки омӯзгорон барои иҷрои кори мустақилона вақти зарурӣ ҷудо намекунанд, ҳангоми иҷрои супоришҳо ниёзмандии хонандагон ба назар гирифта намешавад.

Илмҳои педагогика ва психология исбот намудаанд, ки агар ба хонанда имконияти интихоб намудан дода шавад, шавқу ҳаваси ӯ нисбат ба хондан, навиштан ва иҷрои фаъолияти дигари таълимӣ меафзояд, онҳо аз таҷрибаи бадастовардаашон руҳбаланд мегарданд.

Барои мустақилона хондан ва навиштан ба хонандагон вақт додан лозим аст. Агар дар раванди таълим барои амалӣ намудани қисматҳои дарс: ба хотир овардани мавзуи дарси гузашта, алоқаманд намудани дарси гузашта бо мавзуи нав, иҷрои кори мустақилона, натиҷагирӣ, хулоса ва ҷамъбасти дарс вақти зарурӣ ҷудо карда нашавад, натиҷаи хуб ба даст оварда намешавад.

Дар кори таҳқиқотӣ нуктаҳои зерин барои дифоъ пешниҳод гаштаанд:

Омӯзишу таҳлилҳо собит сохтаанд, ки барои рафъи норасоиҳо дар самти ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ баррасии масъалаҳои зерин муҳиманд:

- таҳлил ва арзёбии сифати нақша ва барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастур ва маводи дидактикӣ оид ба таълими забони модарӣ;

- дар робита ба имконоти зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷустуҷӯйи роҳҳои баланд бардоштани сатҳи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ бо мақсади ташаккули фаъолияти мустақилона;

- тайёрии кадрҳои педагогӣ дар муассисаҳои олии касбӣ, дастовард ва камбудиҳо;

- ҷустуҷӯ ва дарёфти сабабҳои камбудиҳои мавҷуда ва роҳҳои рафъи онҳо;

- муайян кардани мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар раванди таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ;

- рушди малакаҳои тафаккури мустақилонаи омӯзишӣ;

- бедорсозии шавқу рағбати забондонӣ;

- инкишофи нутқи бошуурона;

- фикр карда хондан, навиштан, гӯш кардану фаҳмидан ва фаҳмида гуфтан, яъне дарку фаҳми маънии матн аз гуфтори дигарон;

-асоснокии методии интихоби шакл, мазмун ва намудҳои фаъолияти омӯзишии мустақилона дар раванди омӯзиши забони модарии синфҳои ибтидоӣ.

Дар ҷараёни таҳқиқот ба принсипҳо ва омилҳои гуногуни **методологӣ** диққат дода, нуқтаи назари педагог-методистони машҳури замони шуравӣ Н.Н. Шепетова, С.П. Редозубов, А.И. Воскресенская, А.В. Янковская, Н.Н. Каноникин, Н.А. Шербаков, Е.А. Адамович ва дигарон, ки бо асару мақолаҳои ҷудогонаи худ роҳу воситаҳои омӯзиши мустақилонаи забони модариро дар муассисаҳои таълимии ибтидоӣ муайян кардаанд, мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтанд. Назарияи якпорчагӣ (тамомият)-и ҷараёни педагогӣ дар асарҳои педагогӣ, психологӣ ва методии Ю.К. Бабанский, М.А. Данилов, В.И. Загвязинский ва дигарон, назарияи фаъолияти таълимӣ дар таҳқиқоти Д.Б. Элконин, В.В. Давидов, В.В. Репкин, ғояи муносибати вазифавӣ дар таълимоти И.Я. Лернер, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба ташаккули шахсият дар осори В.П. Беспалко, А.С. Виготский, А.Н. Леонтев таҳлил ёфтаанд. Асосҳои фалсафии гуманизатсиякунонии таълимотро муҳаққиқон Б.С. Гершунский, В.С. Шубинский, И.Х. Каримова ва дигарон, асосҳои дидактикию методологии таълимоти хонандагони хурдсолро М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, И. Абдуллоев, Ф. Икромова, Р. Давлатова, Р. Мирзоев, Р. Довудов ва дигарон ба риштаи таҳқиқ

кашидаанд. Ҳамчунин, ақидаю консепсияҳои олимону мутафаккирони Шарқ – А. Рӯдакӣ, А.Фирдавсӣ, Ибни Сино, А.Берунӣ, Унсурулмаолии Кайковус ва дигарон низ мавриди таваҷҷуҳи мо қарор гирифтанд.

Масъалаи асосҳои методии ташаккули малакаи мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ олимону педагогҳои ватаниро ҳам бетараф намондааст. Дар корҳои таҳқиқотии худ олимони пешқадами ватанӣ, аз ҷумла, Х. Бӯйдоқов, И.Х. Каримова, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, И. Неъматов С, И.Абдуллоев, Х. Сабуров, Р. Давлатова, Р. Мирзоев, Р.Довудов ва дигарон баъзе паҳлуҳои ин масъаларо дида баромадаанд. Махсусан, онҳо масъалаҳои фаъолнокии азхудкунӣ ва фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагони синну соли гуногунро дар ҷараёни таълиму тарбия мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор додаанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зуҳур меёбад, ки:

- роҳҳои самараноки ташкили фаъолияти мустақилона ба хотири рушди зеҳн ва нутқ муайян ва дар амал татбиқ карда шудаанд;
- усулҳои муосири ташаккули фаъолияти мустақилонаи хонандагон ба хотири рушди зеҳн ва нутқи онҳо муайян карда шуданд;
- талабот ва ҷанбаҳои педагогии малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуд;
- вазъи кунунии фаъолияти мустақилонаи омӯзишии дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагон муайян карда шуд;
- амсилаи фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқӣ таҳия гардид;
- шаклҳои инноватсионии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ коркард гардиданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- технологияи ба кори мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ одат кунонидани хонандагон;

- роҳҳои муайянсозии имконниятҳои ақлии хонандагон;

- моҳияти омӯзандагӣ, ташаккулдиҳандагӣ ва тарбиявии матнҳо ба хонандагон;

- тарзҳои ташкили муколама, баҳсу мубоҳисаҳои гуногуни натиҷаи фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагон бо иштироки худи онҳо;

- нақши бозиҳои дидактикӣ дар иҷрои фаъолияти мустақилона;

- методикаи ибтикории фаъолияти мустақилона ҳамчун методикаи рушддиҳандаи зеҳни хонанда;

- фаъолияти тарафайни омӯзгорон ва волидайн дар ташкили фаъолияти омӯзишии мустақилонаи хонандагон;

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар интишороти зерини муаллиф инъикос ёфтаанд:

**I.Монография ва дастурҳои методӣ**

*[1-М]. Бозоров Х.* **“**Асосҳои методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳни хонандагони синфҳои ибтидоӣ**”** Монография. [Матн]. /Х.Бозоров . -Душанбе: “Матбаа” 2023.-238 с.

*[2-М].БозоровХ.,Шералиева С.М.* Дастури таълимӣ.Методикаи таълими забони модарӣ.(Курси лексия) [Матн]. / Х. Бозоров Х.,С.Шералиева. Душанбе, “Матбаа” 2023,161с.

*[3-М]. Файзулло Шарифзода., Хушвахт Бозоров.* Дастури таълимӣ- тарбиявӣ “Дар талоши накуӣ”. [Матн]. / Шарифзода Ф.,Х.Бозоров. Душанбе, “Ирфон” с. 2019. - 264 с.

*[4-М]. Бозоров Х.* Дастури методӣ. “Аҳамияти усули ҳамкорӣ (интерактивӣ) дар таълими фанни “ Забони модарии синфҳои ибтидоӣ”. / [Матн]. Х.Бозоров. Душанбе: “Матбаа” 2019. – 71 с.

*[5-М]. Бозоров Х.* Дастури методӣ. “Ташкили дурусти фаъолияти мустақилонаи таълимӣ- яке аз воситаҳои асосии рушддиҳандаи зеҳн ва нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ” [Матн]. /Х.Бозоров . - Душанбе: “Матбаа” 2020.-103 с.

*[6-М]. Бозоров Х.* Дастури таълимӣ- тарбиявӣ “Нек дарёбу бад макун зинҳор.” (Монография) [Матн]. / Х.Бозоров. Душанбе, “Ирфон” с. 2016. - 162 с.

*[7-М]. Бозоров Х.* Ташкили иттиҳодияи методии фаннӣ дар мактаб. [Матн]. / Х.Бозоров. Кӯлоб, 2011, 34с

*[8-М]. Бозоров Х.* Материалҳои дидактикӣ оид ба таълими савод. [Матн]. / Х.Бозоров. Кӯлоб 1989, 34 с.

**II.Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

*[1-М]. Бозоров Хушвахт.*Нақши кадрҳои педагогӣ дар рушди имконоти зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ [Матн]. /Х. Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: 2023, №7.Саҳ. 243-249. -ISSN 2074-1847.

*[2-М]. Бозоров Хушвахт.* Истифодаи фаъолияти мустақилонаи таълимӣ бо дарназардошти имконоти зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ[Матн]. /Х. Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанб: 2023, №6. Саҳ. 265-271. -ISSN 2074-1847.

*[3-М]. Бозоров Хушвахт.* Афкори методистони тоҷик нисбати фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар рушди зеҳну нутқи кӯдакон [Матн]. /Х. Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: 2023, №1.Саҳ.265-271. -ISSN 2074-1847.

*[4-М]. Бозоров Хушвахт.* Мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар раванди таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ. [Матн]. /Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе: 2022, №6. Саҳ.261-268. -ISSN 2074-1847.

*[5-М]. Бозоров Хушвахт.* Ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони

модарӣ. [Матн]. /Х.Бозоров Х. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе: 2022, №5. Саҳ.234-240. -ISSN 2074-1847.

***[6-М]. Бозоров Хушвахт.*** Фаъолияти мустақилонаи таълимӣ омили рушди неруи ақлию зеҳни талабагони хурдсол. [Матн]. / Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе: 2022, №4. Саҳ.256-263. -ISSN 2074-1847.

***[7-М].Бозоров Хушвахт.*** Муайян кардани мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар раванди таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ. [Матн]. /Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе: 2022, №2. Саҳ.197-203. -ISSN 2074-1847.

***[8-М]. Бозоров Хушвахт.*** Методикаи ибтикории ташкили фаъолияти таълимии мустақилонаи хонагӣ  ба рушди зеҳнию забони талабагони хурдсол мусоидат мекунад. [Матн].  /Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон.- Душанбе: 2022.№4 (14).Саҳ.183-190). ISSN  2708-5759.

***[9-М]. Бозоров Хушвахт.*** Ба кори мустақилонаи  таълими забони модарӣ одат кунонидани талабагони синфҳои ибтидоӣ. [Матн]. /Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон.- Душанб:2022. №2 (12).Саҳ.190-196. ISSN 2708-5759.

***[10-М]. Бозоров Хушвахт.*** Ба кори мустақилонаи таълими забони модарӣ одат кунонидани талабагони синфҳои ибтидоӣ. [Матн]. /Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб.- Кӯлоб:№1 (26) 2022.Саҳ.123-130. - ISSN 2616-5260.

***[11.-М].Бозоров Хушвахт.*** Арзёбии ташаккулдиҳанда омили рушди қобилияти зеҳнию нутқии талабагони хурдсол дар раванди фаъолияти мустақилонаи таълимӣ. [Матн]. /Х. Бозоров. Паёми Донишгоҳи  миллии Тоҷикистон.- Душанбе: 2021, №8. Саҳ. 234-239. - ISSN 2074-1847.

***[12-М]. Бозоров Хушвахт.*** Ташкили фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ.

[Матн]../Х. Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе: 2021, №2. Саҳ.271-279. -ISSN 2074-1847.

*[13М]. Бозоров Хушвахт.* Мавқеъ ва мақоми фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ. [Матн]. /Х. Бозоров. Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб.- Кӯлоб: 2021, №1, (25), саҳ.79-89. -ISSN 2616-5260.

*[14-М]. Бозоров Хушвахт.*Методҳои таълимии ба рушди қобилияти зеҳнию нутқии талабагон мусоидаткунанда. [Матн]. /Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе: 2020, №6,саҳ.287-294. -ISSN 2074-1847.

*[15-М]. Бозоров Хушвахт.*Фаъолияти мустақилонаи таълимӣ, омили асосии рушди зеҳнию нутқии талабагон дар дарсҳои забони модарӣ. [Матн]./ Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе:2020, №1, саҳ.254-259. -ISSN 2074-1847.

**[16.М].Бозоров Хушвахт**.Фаъолияти мустақилона ва рушди зеҳнии талабагони хурдсол дар таълими забони модарӣ. [Матн]. / Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб.- Кӯлоб: 2020, №1, саҳ.231-235. ISSN 2616-5260.

*[17-М]. Бозоров Хушвахт.* Аҳамияти бозиҳои таълимӣ дар рушди зеҳнӣ ва нутқии навомӯзон( давраи таълими савод) [Матн]. / Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе: 2019, №6, саҳ.260--263. ISSN 2708-5759.

*[18-М]. Бозоров Хушвахт.* Дар талоши накӯӣ. [Матн]. / Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе: 2018 №7,саҳ, 308-312с. ISSN 2708-5759 .

*[19-М]. Бозоров Хушвахт.* Таъсири тарбиявӣ ва рушддиҳандаи бозиҳо ба таълиму тарбияи кӯдакони синни хурди мактабӣ. [Матн]. /Х. Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе: 2017 №4, Саҳ.314-316- -ISSN 2074-1847.

*[20-М]. Бозоров Хушвахт.* Ташаккули тарбияи маънавии кӯдакон.[Матн]./ Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе: 2016, №3\3( **202).** Саҳ.226-2219. -ISSN 2074-1847.

*[21-М]. Бозоров Хушвахт.* Ташаккули ҷаҳони маънавии хонандагон дар муҳити хонавода. [Матн]. / Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе: 2016,№3\4( 206) Саҳ.249-253. -ISSN 2074-1847.

*[22-М]. Бозоров Хушвахт.* Марҳилаҳои ташаккулёбии малакаҳои ахлоқии кӯдакон. [Матн]. /Х. Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе:2015, № 3\8( 182). Саҳ.253-256. -ISSN 2074-1847.

*[23-М]. Бозоров Хушвахт.* Марҳилаҳои ташаккулёбии малакаҳои ахлоқии кӯдакон. [Матн]. /Х. Бозоров. Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб. Кӯлоб: 2015, № 2(13). Саҳ.135-138. -ISSN 2616-5260.

*[24-М]. Бозоров Хушвахт.* Ташаккули муносибати хайрхоҳонаи кӯдакони синни хурди мактабӣ тавассути фаъолияти нақшофарӣ. [Матн]. /Х. Бозоров. Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. Душанбе: 2013,№2 (51), Саҳ.93-97. -ISSN 2074-1847

*[25-М]. Бозоров Хушвахт.* Позитивное отношение, как составная часть нравственных качеств детей и подростков. [Матн]. /Х. Бозоров. Вестник Таджикского, национального университета.Душанбе: 3\6(96), 2012. С.227 -230. -ISSN 2074-1847.

*[26-М]. Бозоров Хушвахт.* Ташаккули ҳисси накӯӣ ва муносибати мусбӣ дар кӯдакони синни хурди мактабӣ. [Матн]. / Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. Душанбе:2012. №5(48) Саҳ.152-156. -ISSN 2074-1847.

**III.Конференсияҳо дар сатҳи умумидонишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ**

*[1-М]. Бозоров Хушвахт.*Рушди соҳаи маориф ва илм дар даврони истиқлолият. [Матн]. /Х.Бозоров. Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Саҳми Пешвои миллат дар рушду нумуи илмҳои табиию риёзӣ"(ш.Кӯлоб,15декабри соли2023, с-7-10.)

*[2-М]. Бозоров Хушвахт.* Ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ омили рушди тафаккури таҳлилии хонандагони синфҳои ибтидоӣ [Матн]. /Х. Бозоров. Конференсияи Ҷумхуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи. "Талаботи замони муосир ба қобилиятҳои педагогӣ-психологии омӯзгор" (ш.Кӯлоб, 29 апрели соли2023, с 28-31

*[3-М]. Бозоров Хушвахт.* Усулҳои фаъолгардонии фаъолияти таълимии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ. [Матн]. /Х. Бозоров. Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Таҳқиқи масъалаҳои тарбияи томактабӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ бо кӯдакон" (ш.Кӯлоб,31майи соли 2023,с-10-13)

*[4-М]. Бозоров Хушвахт.* Фаъолияти якҷоя омили асосии рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ [Матн]. / Х.Бозоров.Конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷуён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ -таҳқиқотӣ дар соли 2021-2022 ва вазифаҳо барои соли 2022 (Ҷ.2) . Кӯлоб, апрели 2022. с. 49 -53 .Бахшида ба эълон гардидани солҳои 2022 - 2026 "Солҳои рушди саноат" ва Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ" ( Солҳои 2020 – 2026 ).

*[5-М]. Бозоров Хушвахт.* Фаъолияти якчоя (интерактив) омили рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.(Маводи конференсияи Ҷуҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Рисолати касбӣ ва миллии омӯзгор дар замони муосир" Бахшида ба 80- солагии н.и.п.,дотсент Иброҳимов Грез[Матн]. / Х. Бозоров . Кӯлоб , 2022 ,- 228 с.

*[6-М]. Бозоров Хушвахт.*Технология ва усулҳои умумии таълими салоҳиятнокӣ. (Маводи конференсияи Ҷуҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Рисолати касбӣ ва миллии омӯзгор дар замони муосир" Бахшида ба 80 солагии н.и.п.,дотсент Иброҳимов Грез[Матн]. / Х.Бозоров . Кӯлоб , 2022 ,- 228 с.

*[7-М]. Бозоров Хушвахт.* Касбу ҳунарҳои мардумӣ аз нигоҳи ниёгони тоҷик. [Матн]. /Х.Бозоров. Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи

илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ” Омӯзиш ва татбиқи афкори педагогии ниёгон дар таҳсилоти муосир” Душанбе, 2021,с 72 – 76 .

***[8-М]. Бозоров Хушвахт.*** Дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ба эътибор гирифтани имкониятҳои зеҳнии талабагони хурдсол. [Матн]. /Х.Бозоров. Конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷуён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ дар соли 2019, бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ” солҳо 2020 - 2040). Кӯлоб, апрели 2020, с.295-297.

***[9-М]. Бозоров Хушвахт.***Арзишҳои ташаккулдиҳанда омили рушди қобилияти зеҳнии талабагони хурдсол дар раванди фаъолияти мустақилонаи таълимии онҳо дар дарсҳои забони модарӣ [Матн]. /Х.Бозоров.Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ.” Бахшида ба 75- солагииДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон.(Қисми 2).Кӯлоб: 2020,с-290-293.

***[10-М]. Бозоров Хушвахт***. Ташаккули тарбияи маънавии кӯдакон» [Матн]. / Х. Бозоров. Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи « Тарбияи арзишҳои маънавӣ- ахлоқии насли наврас: Мушкилот ва роҳҳои ҳаллӣ он» Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Кӯлоб,15 майи соли 2019. 6 с.

***[11-М]. Бозоров Хушвахт***. Муносибати босалоҳият ба таълим омили асосии рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар таълими забони модарӣ. Маводи конференсияи Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои тамоили салоҳиятнокӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусии синфҳои ибтидоӣ” [Матн]. / Х.Бозоров. ДДОТ, 7 .12 2019, с. 304-308.

***[12-М]. Бозоров Хущвахт.*** Аҳамияти бозӣ ва инкишофи нутқ дар давраи таълими савод./ Х.Бозоров. Конференсияи илмӣ-назариявии

ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба ҷамъбасти корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ дар соли 2018. Кӯлоб, апрели 2019, с.174 - 176.

***[13-М]. Бозоров Хушвахт***. Нақши рӯзи иттиҳодияи методӣ дар рушди малакаҳои хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ. [Матн]. /Х. Бозоров. Семинар- машварати ҷумҳуриявӣ (бо мудирони кабинетҳои методии назди шуъбаҳои маорифи Ҷумҳурӣ) Душанбе,7-8.10.2016. 9 с.

Баъди муҳокима ва ҷамъбасти диссертатсияи илмии Бозоров Хушвахт дар мавзуи « Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ » хулосаи зерин қабул карда шуд:

1. Диссертатсияи илмии унвонҷӯи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо Бозоров Хушвахт дар мавзуи « Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия. кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии унвонҷӯи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо Бозоров Хушвахт дар мавзуи « Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (Назария ва мтодикаи таълими фанҳои гумантарӣ (таҳсилоти умумӣ)) мувофиқ ва ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо Бозоров Хушвахт дар мавзуи « Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои ҳимоя (дар Шурои якдафъаина) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, н.и.п. дотсент Дилафрӯз Раҷабзода. мураттаб ва дар ҷаласаи мазкур аз 12-уми июни соли 2023, протоколи №11 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 19 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ “тарафдор”- 19 нафар, “муқобил”- нест.

Раисикунандаи ҷаласаи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо, доктори илмҳои педагогӣ, профессор: Иззатова Муҳаббат Иноятовна

**Муқарризон:**

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи биология ва методикаи таълими он Мирзоев Салим Сайдалиевич

Доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик Ашурова Нодира Ҷумаевна

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо Иззатова МуҳаббатИноятовна

Котиби ҷаласа, н.и.п.: Дилафрӯз Раҷабзода.

*Имзои Иззатова М.И. ,Мирзоев С.С.,Ашурова Н.Ҷ. ва Дилафрӯзи Р.- ро тасдиқ менамоям.*

*Сардори РК ва КМ-и ДДК ба номи А. Рӯдакӣ:* *Амиров Ф.А.*

13-уми июни соли 2023.

**Маълумот барои тамос:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кучаи С. Сафаров 16, ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.